«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, профессор Маҳмадёрзода У.М. ________
«23» ____12____ 2025 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (протоколи №5 аз 20.12.2025)**

Ба кори диссертатсионии Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ).

Самандарова Зарнигор Умаровна, санаи таваллудаш 21.05.1987, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2005 факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз ва соли 2019 унвонҷӯи донишгоҳи мазкур аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт.

Аз соли 2010 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор фаъолият намудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Раҷабов Раҷаббой Кучакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи тиҷорат ва савдои Тоҷикистон.

**Муқарризон:**

**Исмоилов Исматулло Махсатуллоевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва рақамикунонии комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**Кабиров Самараддин Ҷамахонович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Қайд намудан зарур аст, таърихи пурғановат, мероси фарҳангӣ ва табиати камназири Тоҷикистон заминаро барои рушди сайёҳии аграрӣ ба вуҷуд меорад, ки он яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ - методӣ ва амалии сайёҳии аграрӣ аҳамиятнокии ибтикори соҳибории сокинони деҳот, ҳалли масъалаҳои мураккаби деҳотро тасдиқ кардааст. Дар ҳоли ҳозир мубрамияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ аз зарурияти ҳифзу ташвиқи тарзи ҳаёти деҳот дар шароити урбанизатсия, беҳгардонии сифати зиндагии деҳотиён, ҳифзу истифодаи оқилонаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ, дороиҳои ҳудуд, объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ, эҳё ва танаввуи иқтисоди кишоварзӣ, дар ҷомеа ташаккул додани тафаккури экологӣ бармеояд.

Қобили қабул аст, масъалаҳои таъмини иқтисодии ташкилӣ, илмии методии рушди сайёҳии аграрӣ, хусусан дар доираи идораи минтақавӣ ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва омӯзиши васеътари илмиро металабанд.

Дар робита бо ин дар таҳқиқоти дессертатсионӣ равишҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ таҳқиқгардида, ба низом оварда ва такмил дода шуда, тавсияҳо оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва таъмини методии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилоят дода шудаанд. Муқаррароти иҷтимоию иқтисодӣ ва ниҳодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин коркарди нокифояи масъалаи мазкур мубрамият, ҳадафмандӣ ва самти амалии таҳқиқоти мазкурро собит мекунанд.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Муқаррароти назариявӣ ва методӣ, масъалаҳои ташкил ва иқтисоди сайёҳӣ ва намудҳои алоҳидаи он, ба шумули сайёҳии аграрӣ, дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, оид ба рушди устувори

сайёҳии аграрӣ барномаҳои давлатӣ дар сатҳи давлатҳои алоҳида қабул гардидаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» фарогири масъалаҳои марбут ба баҳодиҳии рушди сайёҳии аграрӣ чун намуди нав дар маҳалҳои деҳот буда, дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025», «Консепсияи идораи рушди маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҷассум ёфтаанд.

### Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсия аз таҳияи равишҳои методии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди инноватсионии фаъолият дар шароити деҳот иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Баҳри ноилгардӣ ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуда, иҷро гардидаанд:

- инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди нав дар деҳот;
- таҳия намудани усули арзёбии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар деҳот;
- таҳия намудани асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳӣ дар деҳот;
- арзёбӣ кардани самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ;
- таҳия кардани тавсияҳои илмии амалӣ барои такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот сайёҳии деҳотии вилояти Хатлон, мавзуи он ҷанбаҳои назариявию методӣ ва амалии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ мебошад.

Объекти тадқиқот бинобар зарурати такмил додани заминаи илмию методӣ ва ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ бо мақсади баланд бардоштани нақши он дар ҳалли мушкилоти мураккаби минтақаҳои деҳоти вилояти Хатлон интихоб карда шуд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои гузоштешуда дар таҳқиқот усулҳои гуногуни умумии илмӣ ва оморӣ истифода карда шуданд: таҳлил ва синтез, усули таснифот, таҳлили иқтисодӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили риёзӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра. Истифодаи ин усулҳо самаранокӣ ва асосноккунии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба зарурати асоснок кардани ҷанбаҳои назарявию амалӣ, омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои рушди сайёҳии аграрӣ ва таснифоти онҳо, ки ба рушди устувори деҳот дар оянда боис мегарданд, асос ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба баҳодиҳии рушди сайёҳии аграрӣ ба рушди устувори деҳот бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти консептуалию назариявӣ ва хулосаҳо вобаста ба таъсири сайёҳии аграрӣ ба рушди устувори деҳот асоснок карда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот**. Ба сифати сарчашмаи таҳқиқот санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии оморӣ дар вилояти Хатлон, маводи иттилоотию таҳлилии Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, инчунин маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, монографияҳо, мақолаҳои иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ,

маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ ва нашрияҳои даврӣ, инчунин захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- дар инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди нав дар минтақаҳои деҳот, хусусан, тадқиқи мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», таркиби механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, асоснок намудани равиши методии таҳияи стратегияи рушди минтақа;

- дар таҳияи усулҳои арзёбии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар деҳот, дар қиёс бо усулҳои маъмул имкон медиҳад, ки шароити махсуси рушди сайёҳии аграрӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шавад, равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ асоснок карда шавад;

- дар таҳияи усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот, усули муҳосибаи талабот ба сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар минтақа;

- равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон муайян карда шуданд. Таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад асоснок карда шуд;

- дар коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии сайёҳии аграрӣ дар вилоят, дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пешниҳод намудани мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» дар инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди нав дар минтақаҳои деҳот ва таркиби механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин асоснок намудани равиши методии таҳияи стратегияи рушди минтақа;

- ба ҳисоб гирифтани нишондиҳандаҳои рушди сайёҳии аграрӣ, таҳияи усулҳои арзёбии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва асоснок кардани равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ;

- таҳияи усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот ва талабот ба сармоягузорӣ, инчунин нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар минтақа;

- муайян кардани равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон, инчунин асоснок кардани таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад;

- коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии сайёҳии аграрӣ дар вилоят, инчунин дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асосноки пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони тоҷику рус дар риштаи иқтисодӣ ва идораи соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти сайёҳӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳии аграрӣ бо истифодаи онҳо вобаста ба ҳадафу

вазифаҳои таҳқиқот ташкил доданд. Ба сифати заминаи иттилоотӣ маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати омори вилояти Хатлон ва натиҷаҳои таҳқиқи муаллиф истифода карда шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути гузаронидани мушоҳидаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию илмӣ таҳия карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунанд: 1.2.1. Муқаддимаи назария ва амалияи иқтисод ва идоракунии муассисаҳои МАС; 1.2.8. Дороиҳои ғайримоддии ташкилоти (муассисаҳои) МАС ва истифодаи самараноки онҳо; 1.2.22. Муҷтамаъҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва сохтори онҳо; 1.2.27. Иқтисоди ташкилот (муассисаҳо) дар соҳаи хизматрасониҳои кишоварзӣ.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз таҳия ва таҳқиқи заминаҳои илмӣ-методии таҳқиқот, истифодаи усулҳои мухталифи илмӣ доир ба ташаккул ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар деҳот иборат мебошад. Дар натиҷаи амалӣ намудани таҳқиқот ҷиҳати ташаккул ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар асоси равишҳои назариявӣ ва методии рушди сайёҳӣ ҷиҳати арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо истифода аз усулҳои таҳлил ва синтез, усули таснифот, таҳлили иқтисодӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили риёзӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра бармеояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаи илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Муқарраротҳои асосӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 9 интишороти илмӣ, аз он ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шудаанд, ки ба талаботи банди 35-и тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия таҳқиқоти илмии тамомшуда мебошад, ки бо дарназардошти муқаррароти назариявию методии муосир оид ба масъалаи мавриди назар таълиф шудааст. Далелҳои назариявӣ ва методӣ, хулосаҳои дар диссертатсия таҳия ва пешниҳодшуда, инчунин муқаррароти барои ҳимоя пешкашшударо муаллиф шахсан таҳия кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар як қатор семинарҳо, конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар ихтисосҳои равияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шуданд.

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзуи таҳқиқот:**
**Феҳрасти корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**
**а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-А]. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Танзими давлатии рушди инфрасохтори иҷимоии минтақаҳои деҳот // Вестник ТНУ. Серия социально - экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021 - №3. – С. 80 – 84.

[2-А]. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Халикова М. Нишондиҳандаҳои рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва усулҳои муайян намудани онҳо // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». - Душанбе, 2022. - № 2(95). - С. 120 – 123.

[3-А]. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». - Душанбе, 2023 - №4. - С. 40-43.

[4-А]. Самандарова З.У. Рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот (асосҳои назариявию методӣ) // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». - Душанбе, 2024 - №1. - С. 229-233.

[5-А]. Самандарова З.У., Раҷабов Р.К. Самтҳои асосии агросайёҳӣ дар рушди ҳудуди деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». - Душанбе, 2025 - №1 (106) – С. 276 - 280.

Дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конфронсҳо

[6-А]. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Асоев М.М. Государственная поддержка в развитие социальной инфраструктуры села // Сборник научных статей материалы международной научно-практической конференции на тему «Адаптация сельскохозяйственной отрасли к изменениям климата: проблемы и путы решения», посвящённой 30 летию Государственной независимости Республики Таджикистан и 90 летию со дня основания Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, (23 - 25 октября 2021 г.). - Душанбе, 2021 - С. 368 - 371.

[7-А]. Самандарова З.У., Бобоева З.А. Проблемы организации и пути формирования исламской банковской системы Республики Таджикистан // Сборник научных статей международной научно-практической конференции на тему «Экономика, управление и финансы в АПК: состояние и перспективные направления развития науки в XXI веке». - Душанбе, 2021. - С. 291 - 296.

[8-А]. Самандарова З.У., Сангинова У.С. Роль лимонарии в обеспечении продовольственной безопасности страны // Сборник

научных статей международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022 - С. 214 - 217.

[9-А]. Самандарова З.У., Абдуллоев Д.А., Бобоева З.А. Основные показатели экономической эффективности производства зерна // Сборник научных статей международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022. - С. 326 - 330.

## ХУЛОСА

1. Кори диссертатсионии Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ҷавобгӯ буда, дар он равишҳои ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди кишоварзии ватанӣ доро аст, муайян шуда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд. Муаллиф дар ташаккул ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар асоси равишҳои назариявӣ ва методии рушди сайёҳӣ саҳми босазо гузоштааст.

Мақолаҳои илмии таълифгардида мазмуни асосии кори диссертатсионии мазкурро инъикос мекунанд.

2. Кори диссертатсионии Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) бо дарназардошти ислоҳи

камбудиҳои ошкоргардида, барои муҳокимаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (протоколи №5 аз 20.12.2025) таҳия гардидааст. Дар ҷаласа 24 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор - 24 нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

Раиси маҷлис, н.и.и., мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Набиев И.И.

Котиб, н.и.и., омӯзгори калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Сангинова У.С.

**Муқарризон:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисодиёт ва
рақамикунонии комплекси агросаноатии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; — Исмоилов И.М.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Кабиров С.Ҷ.

Имзои Набиев И.И., Сангинова У.С., Исмоилов И.М. ва Кабиров С.Ҷ. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо — Қурбонзода А.Х.